ХУЛОСАИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-071 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ

Парвандаи аттестатсионии №_____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 24.09.2025 сол, №1

Барои сазовор донистани Бобозода Убайдулло Холмирзо, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01 – Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (химия)).

Диссертатсияи Бобозода Убайдулло Холмирзо дар мавзуи «Асосҳои методии истифодаи масъалаҳои ҳисобӣ дар дарсҳои химия яке аз воситаҳои ташаккули қобилияти маърифатии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01 – Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (химия)) ба ҳимоя 12-уми июли соли 2025 қабул карда шуд, протоколи №6-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-071-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 майи соли 2023, таҳти №95/шд).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Бобозода Убайдулло Холмирзо 29-уми августи соли 1960 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Солҳои 1977-1982 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил намуда, онро бо ихтисоси химик, муаллим хатм намудааст. Солҳои 1982-1998 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии рақамҳои 4, 18 ва 8-и ноҳияи Хуросон ба ҳайси омӯзгори фанни химия фаъолият намудааст. Солҳои 1998-2010 дар литсейи №1-и ноҳияи Хуросон дар вазифаи омӯзгори фанни химия кор кардааст. Дар солҳои 2010-2019 ассистенти кафедраи химияи умумӣ ва ғайриорганикии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, солҳои 2011-2014 аспиранти Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, солҳои 2014-2015 дар вазифаи ҷонишини декани факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, солҳои 2015-2023 ҳамчун саромӯзгори кафедраи химияи умумӣ ва кафедраи химияи органикӣ ва биологӣ фаъолият менамуд. Аз соли 2022 унвонҷӯйи кафедраи методикаи таълими химия буда (фармоиши №93^{А}-фа. аз 31.03.2022), аз соли 2023 то ҳоло ҳамчун саромӯзгори кафедра фаъолият менамояд.

Диссертатсияи Бобозода Убайдулло Холмирзо дар ҷаласаи шурои олимони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 30.11.2021 сол таҳти №4 тасдиқ шуда, дар кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии факултети химия ва

биологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои химия, профессори кафедраи химияи органикӣ ва биологии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон – Бандаев Сироҷиддин Гадоевич.

Муқарризони расмӣ:

1. Раҷабов Умаралӣ – доктори илмҳои химия, профессори кафедраи химияи фармасевтӣ ва заҳршиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино».

2. Давлатмуродзода Мирзомурод Давлатмурод – номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи химия ва методикаи таълими они Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ».

Муассисаи пешбар – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи усули таълими химия мебошад. Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи муқарриз, номзади илмҳои химия, дотсент Холиқова Л.Р. тартиб дода шудааст ва аз ҷониби раиси ҷаласа номзади илмҳои химия, дотсент мудири кафедраи усули таълими химия Қурбонова Муқадас Завайдовна имзо шуда, аз тарафи ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин тасдиқ ва имзою муҳр шудааст, қайд шуд, ки Бобозода Убайдулло Холмирзо довталаби дараҷаи илмӣ 31 интишори илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда дорад.

I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Бобоев, У.Х. Ҳалли масъалаҳои химиявӣ бо усули «Соати қумӣ» [Матн] / У. Х. Бобоев, М. У. Бобоев, С. Г. Бандаев // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. № 2 (45). - Душанбе 2012. - С. 28-35.

[2-М]. Бобоев, У.Х. Ҳалли масъалаҳои намунавӣ дар мавзуи суръати реаксияҳои химиявӣ [Матн] / У.Х. Бобоев, М.У. Бобоев, Б.А. Ғафуров, С.Г. Бандаев // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. № 6 (49). - Душанбе 2012. - С. 108 - 112.

[3-М]. Бобоев, У.Х. Масъалаҳои ҳисобӣ яке аз воситаҳои ташаккули қобилияти маърифатии хонандагон [Матн] /У.Х. Бобоев // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. №2 (12). - Душанбе 2021. - С. 268 - 280.

[4-М]. Бобоев, У.Х. Истифодаи усули саволнома барои муайян кардани дараҷаи қобилиятҳои маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таъсири омилҳои педагогӣ дар ташаккули онҳо [Матн] / У.Х. Бобоев, С.Г. Бандаев, М.У. Бобоев // Паёми донишгоҳи миллӣ. № 7 - Душанбе 2022. - С. 311-339.

[5-М]. Бобоев, У.Х. Ҳалли масъалаҳои химиявӣ бо усули «Соати регӣ», роҳи нави омӯзиши масъалаҳои таълимӣ ва маърифатӣ [Матн] / У.Х. Бобоев, С.Г. Бандаев, М.У. Бобоев // Фурӯғи илм (Маҷаллаи байналмилалии илмӣ) №3 (3).- Душанбе, 2024.- С.16-31.

[6-М]. Бобозода, У.Х. Истифодаи усули «Соати регӣ» дар ҳалли масъалаҳои химиявӣ ва самаранокии он дар инкишофи қобилияти маърифатии хонандагон [Матн] / У.Х. Бобозода, С.Г. Бандаев, М.У. Бобозода // Паёми ДДОТ – 2025. №1. С. 98-104

[7-М]. Бобозода, У.Х. Маркази омодагии қаблӣ яке аз воситаҳои инкишофи қобилияти маърифатии хонандагон дар ҳалли масъалаҳои ҳисобӣ. [Матн]. / У.Х. Бобозода / Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон №2, (56) 2025, саҳ.310-316 (т).

II. Мақолаҳои дар нашрияҳои дигари илмӣ, маводҳои конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ чопшуда:

[8-М]. Бобоев, У.Х. Истифодаи усулҳои бозӣ ҳангоми омӯзиши химияи органикӣ ҳамчун муҳити баланд бардоштани фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ ва сифати дониш [Матн] / У.Х. Бобоев, С.Г. Бандаев // Известия таджикского отделения Международной академии наук высшей школы №1. - Душанбе, 2012. - С. 28 - 35.

[9-М]. Бобоев, У.Х. Омилҳое, ки ба суръати реаксияи химиявӣ таъсир мерасонанд [Матн] / У.Х. Бобоев, М.У. Бобоев, С.Г. Бандаев // Известия таджикского отделения международной академии наук высшей школы. № 2. - Душанбе 2012. - С. 26 - 34.

[10-М]. Бобоев, У.Х. Использование игровых методов обучения при изучении химии как средства повышения учебно-познавательной деятельности и качества знаний [Текст] / У.Х. Бобоев, М.У. Бобоев, С.Г. Бандаев // Материалы республиканской конференции. "Перспективы синтеза в области химии и технологии гетеросоединений", посвященный 20 – летию кафедры высокомолекулярных соединений и химической технологии. ТНУ и НИИ. Душанбе: 2013. С.117-118.

[11-М]. Бобоев, У.Х. Решение химических задач методом «Песочных часов» [Текст] /У.Х. Бобоев, Ш.Р. Азимова // Материалы конференции молодых ученых, посвященной «Дню молодежи Таджикистана» на тему: «Государственная молодежная политика: состояние и перспективы». Душанбе-2014. - С. 349-353.

[12-М]. Бобоев, У.Х. Ҳалли масъалаҳои химиявӣ аз маҳлулҳо, ки дар тайёркуниашон реаксияи химиявӣ ба амал меояд. [Матн] / У.Х. Бобоев, Ш.Р. Азимова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии ҳайати устодону кормандони ДДБ ба номи Носири Хусрав бахшида ба ҷашнҳои 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020 - 2040) Бохтар – 2021. - С. 349-353.

[13-М]. Бобоев, У.Х. Кимиё – илми дақиқ [Матн] / У.Х. Бобоев, Зиёдамои Сатор, А.Ҷ. Назаров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии таҳти унвони “Проблемаи муосири рушди фанҳои табиатшиносӣ: дурнамо ва пешомадҳои он “ бахшида 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (бо иштироки ИДМ) Бохтар – 2021. - С. 350 - 352.

[14-М]. Бобоев, У.Х. Термодинамика процесса ионизации изолейцина в водной среде [Текст] / М. У. Бобоев, К. Дж. Суяров, М. Рахимова, У.Х. Бобоев //

Матер. респуб. научно-теор. конф. профес. - препод. состава и сотруд. ТНУ. – Душанбе: 2018. - С. 105 – 106.

[15-М]. Бобоев, У.Х. Координационные соединения цинка с триптофан модели процессов их образования [Текст] / М.У. Бобоев, К.Дж. Суяров, М. Рахимова, У.Х. Бобоев // IV Международной научной конференции: «Вопросы физической и координатсионной химии» - Душанбе: 2019. - С. 50 - 55.

[16-М]. Бобоев, У.Х. Комплексные соединения цинка с триптофаном [Текст] / М.У. Бобоев, М. Рахимова, К.Дж. Суяров, У.Х. Бобоев // Всероссийский конгресс - по «Химии гетеротсиклических соединений» «КОСТ-2021». Сочи 12 - 16 октября 2021. – саҳ 337.

[17-М]. Бобоев, У.Х. Таҳқиқи шаклҳои ионии изолейтсин дар муҳитҳои обӣ ва ғайриобӣ ҳангоми ҳарорати 293,16 К [Матн] / М.У. Бобоев, М. Раҳимова, К.Ҷ. Суяров, У.Х. Бобоев // Маҷмуи мақолаҳои конференсияи якуми байналмилалӣ дар мавзуи «Дурнамои рушди таҳқиқи химияи пайвастаҳои координатсионӣ ва истифодаи амалии онҳо» бахшида ба гиромидошти хотираи профессор Баситова Саодат Мухаммедовна, 80 – умин мавлуд ва 60-солагии фаъолияти илмӣ-педагогии доктори илмхои химия, профессор Азизқулова О. А. (30-31 марти соли 2022) -Душанбе - 2022.- С. 325-330.

[18-М]. Бобоев, У.Х. Вазъи таълими химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ [Матн] / Бобоев У.Х. // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Вазъи кунунӣ ва дурнамои таҳлили физико-химиявӣ» бахшида ба эълон гардидани ҳадафи чоруми стратегӣ-саноатикунонии кишвар, Солҳои 2022-2026-солҳои рушди саноат, 65-солагии таъсисёбии кафедраи химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ ва гиромидошти хотири Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, доктори илмҳои химия, профессор, Л. Солиев (15-16-уми марти соли 2023) Душанбе 2023, ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, С. 296-300.

[19-М]. Бобозода, У.Х. Ҳалли масъалаҳои ҳисобӣ дар омӯзиши кимиё бо истифодаи формулаҳои физикавӣ. [Матн] / Бобозода У.Х., Бандаев С.Г., Бобозода М.У., // Маводҳои конфронси ҷумҳуриявии “Вазъи кунунӣ ва дурнамои таҳлили физико-химиявӣ”.-Душанбе: ДДОТ.-2025 С.320-327

[20-М]. Бобозода, У.Х. Усули “Соати регӣ” - роҳи нави ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва маърифатӣ [Матн] / У.Х. Бобозода, С.Г. Бандаев, М.У. Бобозода, // Маводҳои конфронси ҷумҳуриявии “Вазъи кунунӣ ва дурнамои таҳлили физико-химиявӣ”.-Душанбе: ДДОТ.-2025 С.272-278

III. Воситаҳои таълимӣ-методӣ:

[21-М]. Бобоев, У.Х. Ҳалли масъалаҳои химиявӣ бо усули «Соати регӣ» / У.Х. Бобоев, Н.А. Ашуров / - Дастур барои хонандагони мактабҳои олӣ. ҶДММ: Матбаа Қӯрғонтеппа 2014. –40 с.

[22-М]. Бобоев, У.Х. Химия (тест барои дохилшавандагони мактабхои олӣ. Нашри 1) / Ҷ.Х. Ҷӯраев, У.Х. Бобоев, М.Ғ. Ҳакимов, А.С. Қурбонов, Р.С. Қиматов / Душанбе - 2015. –250 с.

[23-М]. Бобоев, У.Х. Химия (тест барои дохилшавандагони мактабхои олӣ. Нашри 2) / Ҷ.Х. Ҷӯраев, У.Х. Бобоев, М.Ғ. Ҳакимов, А.С. Қурбонов, Р. С. Қиматов / Душанбе-2016. – 227 с.

[24-М]. Бобоев, У.Х. Химиё (ҳалли масъалаҳо) / У.Х. Бобоев, М.У. Бобоев, У.А. Нуров, П.М. Ятимов / Дастури таълимӣ барои хонандагон. Қӯрғонтеппа-2016. – 137 с.

[25-М]. Бобоев, У.Х. Химия / Ҷ.Х. Ҷӯраев, У.Х. Бобоев, М.Ғ. Ҳакимов, А.С. Қурбонов, Р.С. Қиматов / Дастури таълимӣ. Масъала ва машқҳои химия барои довталабони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ Душанбе - 2017. – 190 с.

[26-М]. Бобоев, У.Х. Алифбои химиё (Нашри 1) / У.Х. Бобоев, Б.А.Ғафуров, М.У. Бобоев / Дастури таълимӣ. Барои худомӯзии химиё ва довталабони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. Бохтар–2020.–196 с.

[27-М]. Бобоев, У.Х. Алифбои химиё (Нашри 2 бо тағйиру иловаҳо) / У.Х. Бобоев, Б.А. Ғафуров, М.У. Бобоев / Дастури таълимӣ. Барои худомӯзии химиё ва довталабони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ Бохтар – 2021. – 200 с.

[28-М]. Бобоев, У.Х. Алифбои химиё (Нашри 3 бо тағйиру иловаҳо) / Дастури таълимӣ. Барои худомӯзии химиё ва довталабони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. Бохтар – 2023 . – 250 с.

[29-М]. Бобоев, У.Х. Химия-2023 (бо тағйиру иловаҳо) / Дастури таълимӣ. Масъала ва машқҳои химия барои довталабони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. / Ҷ.Х. Ҷӯраев,У.Х Бобозода Душанбе-2023. 237 с.

[30-М]. Бобоев, У.Х. Маҷмуи ҳалли масъалаҳои химиявӣ. / Дастури таълимӣ. Барои омӯзгорон, донишҷӯён, довталабон ва худомӯзон. / Бобоев У.Х., Давлатов Д.О., Ғафуров Б.А., Қурбонов А.С. Бохтар 2024. 160 с.

[31-М]. Бобоев, У.Х. Маҷмуи корҳои амалӣ ва озмоишӣ аз химияи органикӣ. / Дастури таълимӣ-методӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилотӣ олии касбӣ. / Бобоев У.Х., Давлатов Д.О., Ғафуров Б.А., Қурбонов А.С. Бохтар-2024. 168 с.

Ба автореферати диссертатсия тақризҳо ворид шуданд:

1. Тақризи Қобилов Нарзулло, номзади илмҳои химия, профессори Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд мусбат буда, дар он дар маҷмуъ чунин эродҳо қайд карда шудаанд:

- ғалатҳои техникӣ (афтодани баъзе ҳарфҳо ё ин ки дар ҳолати ҷудо ё якҷоя омадани ҷузъҳои калимаҳо) роҳ ёфтаанд;

- матн таҳрири сабуки забониро мехоҳад.

2. Тақризи Акбарова Мунира, номзади илмҳои химия, дотсент, декани факултети илмҳои табии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе мусбат буда, дар он камбудиҳо дарҷ нагардидаанд.

3. Тақризи Аъзамов Ш.О., номзади илмҳои химия, мудири кафедраи химияи факултети агрономии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур мусбат буда, дар он чунин эродҳо манзур шудааст:

- истифодаи усули «Соати регӣ» дар ҳалли масъалаҳои душвор дар диссертатсия оварда нашудааст;

- баъзе хатогиҳои техникӣ дар рисола дида мешавад, ки ислоҳи онҳоро ба манфиати кор медонем;

- ҷадвалҳои арзёбӣ дар алоҳидагӣ нишон дода шуда, пасон дар ҷадвали умумӣ дарҷ карда шавад.

4. Тақризи Каримзода Шавкат, номзади илмҳои педагогӣ, директори Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба кори пурмазмун ва илман асоснок будани таҳқиқот таъкид намуда, қайд месозанд, ки автореферат аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ пурмуҳтаво буда, ҳадафу вазифаҳо возеҳ, методология асоснок ва натиҷаҳо бо таҷрибаи педагогӣ исбот шудаанд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи химия ва методикаи таълими он буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:

- асосҳои назариявии зарурати фаъолнокӣ ва инкишоф додани мустақилияти хонандагони муассисаҳои таълимӣ бодарназардошти хусусиятҳои шахсии онҳо дар асоси ҳалли масъалаҳои намунавӣ ва амалии ҳисобии таълимию маърифатии химиявӣ кор карда шудааст;

- асосҳои илмию методии истифодаи масъалаҳои таълимию маърифатӣ дар дарси химия бо мақсади ташаккули фаъолияти маърифатии хонандагон таҳия карда шудааст;

- ҳангоми таълими химия низоми методии истифодаи якҷояи супоришҳои стандартӣ ва амалии ҳисобии таълимию маърифатӣ ва дигар методҳое пешниҳод карда шудааст, ки фаъолият ва амалҳои мустақилонаи хонандагонро бодарназардошти хусусиятҳои шахсии онҳо ҳавасманд мекунанд;

- модели фарзияи мазмун ва сохтори вазифаҳои таълимию маърифатиро пешниҳод намудааст;

- бо мақсади ташаккули қобилияти маърифатии хонандагон дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав “Маркази омодагии қаблӣ” таъсис дода шудааст;

- шароити ташкилию педагогии ташаккули мустақилияти хонандагон аз фанни химия муайян карда шудааст.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар ин кор амсилаи ташаккули фаъолияти маърифатии хонандагон аз фанни химия аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст; дар ҷанбаҳои илмӣ-методӣ ва психологию педагогӣ, асоснокии методологияи ташаккули фаъолияти маърифатии хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ пешниҳод карда шудааст; натиҷаҳои таҳқиқот саҳмгузории муайян ба амалияи педагогӣ мебошад.

Маводи диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун заминаи назариявӣ барои мукаммалнамоии фаъолиятҳои таълимӣ-таҳқиқотии масъалаҳои ташаккули қобилияти маърифатии хонандагон дар дарсҳои химия бо истифода аз масъалаҳои ҳисобӣ истифода бурдан мумкин аст.

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки технологияи педагогии раванди таълиму методии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳия карда шудааст, ки он ба баланд бардоштани самаранокии раванди таълим тавассути таҳкими таваҷҷуҳи маърифатӣ ва дар заминаи онҳо ба ташаккул додани фаъолияти маърифатии хонандагон нигаронида шудааст. Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот низомҳои ҳалли масъалаҳои таълимию маърифатии сатҳи гуногуни мураккаби химиявӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тартиб дода шудаанд. Тавсияҳои методӣ оид ба татбиқи масъалаҳои ҳисобии татбиқшаванда пешниҳод карда шуда, дар амалияи таълимии муассисаҳои таҳқиқотӣ бо хонандагони синфҳои 8-ум ва 9-ум ва дар "Маркази омодагии қаблӣ"-и Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бо хонандагони марказ санҷида шудааст.

Барои баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон ва ёрии методӣ ба омӯзгорони фанни химия дастури таълимӣ бо номи «Алифбои кимиё» пешниҳод карда шуд, ки ба воситаи он дар онҳо қобилияти мустақилонаи ҳалли масъалаҳои ҳисобӣ ташаккул меёбад. Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот роҳи нави ҳалли масъалаҳои ҳисобӣ бо усули «Соати регӣ» пешниҳод карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот, муқаррарот ва хулосаҳои дар кор инъикосёфтаро дар таҷрибаи омӯзгорони химия истифода бурдан мумкин аст. Тавсияҳои методии таҳия ва пешниҳодшударо метавонанд муҳаққиқон барои таҳқиқоти минбаъдаи ин масъала истифода намоянд.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо возеҳии муқаррароти ибтидоии методологӣ ва назариявии таҳқиқот; таҳлил ва баррасии ҳолати проблемаи таҳқиқотӣ дар назария ва амалияи педагогӣ; мунтазамии кор, мураттаб будани асбобҳои илмии таҳқиқотӣ; коркарди математикии натиҷаҳои кори таҷрибавию педагогӣ; эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада; таҷрибаи кории чандинсолаи унвонҷӯ дар муассисаҳои таълимӣ таъмин карда мешавад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷа ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ тасдиқ мекунанд.

Довталаб шакли ташкили дарс ва супоришҳои дорои хусусияти таҳқиқотиро мустақилона таҳия намуда, ба шарофати он заминаи методологии фаъолияти маърифатии хонандагонро дар раванди таълим ташаккул додааст. Дар раванди таҳияи воситаҳои махсуси таълимӣ ва маводи таълимӣ барои ташаккули фаъолияти маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз фанни химия, инчунин дар таҳияи дастури таълимии «Маҷмуи ҳалли масъалаҳои ҳисобӣ аз химия» бевосита иштирок намудааст. Дар конференсияҳои илмию амалии донишгоҳӣ ва

ҷумҳуриявӣ аз рафти корҳои иҷрогардида бо нашри мақолаҳои илмӣ гузоришҳо пешниҳод намудааст.

Хулосаҳои пешниҳод намудаи муаллиф гувоҳӣ медиҳанд, ки ӯ дар методҳои пешниҳод намудаи худ ва таҳқиқотҳои озмоишии гузаронидааш ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Таҳқиқоти аз тарафи Бобозода Убайдулло Холмирзо ба иҷро расонида, аз нигоҳи назариявию амалӣ таҳқиқоти зарурӣ ба ҳисоб рафта, барои рушду нумӯи илми педагогикаи муосир ва методикаи таълими химия саҳмгузор мебошад.

Дар маҷлиси 24-уми сентябри соли 2025 шурои диссертатсионии 6D.КОА-071-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қарори сазовор донистани Бобозода Убайдулло Холмирзо ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01 – Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (химия)) қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 10 - нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01 – Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (химия)) 3 - нафар. Аз 10 – нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шуро шомил буданд. Овоз доданд: тарафдор **10** – нафар, муқобил – **нест**, бюллетенҳои беэътибор – **нест**.

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Холназаров Санг

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ Алимов Сироҷиддин Шералиевич

24 сентябри соли 2025